باللغة الطاجيكية

# ما معنى الإخلاص؟

# МАЪНОИ ИХЛОС ЧИСТ?

بسم الله الرحمن الرحيم

**Маънои ихлос чист? Ва агар банда ба ибодати худ чизи дигаре бихоҳад, ҳукми он чист?**

**Ҷавоб**: Ихлос барои Аллоҳ таъоло ба ин маъно аст, "ки шахс ба ибодати худ қасди наздикӣ ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ва расидан ба дори каромати Ӯ (Ҷаннат)-ро дошта бошад".

Ва агар банда ба ибодати худ чизи дигареро бихоҳад, пас дар ҳукми он баёни муфассал тибқи анвоъи зерин аст:

**Навъи якум**: Ба ибодати худ наздикӣ ба ғайри Аллоҳ ва ноил шудан ба ситоиши махлуқҳоро бихоҳад, пас ингуна хоҳиш амалро ботил месозад ва аз ҷумлаи ширк ҳисоб мешавад ва дар ҳадиси саҳеҳ аз Абӯҳурайра ﵁ ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ман бениёзтарини шариконам аз ширк, касе ки амалеро анҷом диҳад, ки дар он ҳамроҳи Ман ғайри Маро шарик созад, ӯро ва ширкашро тарк**" [1].

**Навъи дуввум**: Ба ибодати худ қасди расидан ба ғараз ва ҳадафи дунявӣ дошта бошад, монанди риёсат, ҷоҳу манзалат ва молу дороӣ, на наздикӣ ҷустан ба Аллоҳ таъоло, пас амали ин шахс ботил аст ва ҳаргиз вайро ба

[1] Ривояти Муслим, китоби зуҳд ва рақоиқ, боб дар бораи касе ки дар амалаш ғайри Аллоҳро шарик созад (2985).

Аллоҳ таъоло наздик намекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيۡهِمۡ أَعۡمَٰلَهُمۡ فِيهَا وَهُمۡ فِيهَا لَا يُبۡخَسُونَ ۝١٥ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَيۡسَ لَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا ٱلنَّارُۖ وَحَبِطَ مَا صَنَعُواْ فِيهَا وَبَٰطِلٞ مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ۝١٦ ﴾ هود

"**Касе ки зиндагонии дунё ва зиннати онро бихоҳад, (подоши) аъмолашро дар ин (дунё) ба таври комил ба онҳо медиҳем ва чизе аз онҳо кам нахоҳад шуд. Инҳо касоне ҳастанд, ки дар охират, ҷуз оташи (ҷаҳаннам насибе) нахоҳанд дошт ва он чиро дар дунё анҷом додаанд, бар бод рафтааст ва он чиро амал мекарданд, ботил аст**". (Сураи Ҳуд, ояти: 15-16).

Ва фарқ миёни ин шахс ва касе ки қаблан зикр кардем, ин аст ки мақсади шахси якум аз ибодаташ ин буд, ки мардум ӯро аз ҷиҳати ин ки парастандаи Аллоҳ таъолост, мадҳу ситоиш кунанд, аммо ин шахси дуввум мақсадаш ин нест, ки ӯро аз ҷиҳати ин ки парастандаи Аллоҳ таъолост мадҳу ситоиш кунанд ва назди вай ин муҳим нест, ки мардум ӯро таъриф кунанд.

**Навъи сеюм**: Ба ибодат ҳам қасди наздик шудан ба Аллоҳ таъоло ва ҳам ғарази дунявӣ дошта бошад, ки ба воситаи он ҳосил мешавад, мисли ин ки ба таҳорат кардан ҳам нияти парастидани Аллоҳ таъоло ва ҳам сабук намудани ҷисми худ ва пок сохтани онро қасд дошта бошад ва ба намоз хондан (илова аз қасди ибодат) қасди варзиши ҷисм ва ба ҳаракат даровардани онро дошта бошад ва ба рӯза гирифтан (илова аз қасди ибодат) қасди сабук сохтани ҷисм ва дур кардани моводи зиёдатии онро дошта

бошад ва ба ҳаҷ (илова аз қасди ибодат) мақсадаш мушоҳадаи ҷойҳои ҳаҷ (Каъба, Мино, Арафот, Муздалифа ва ғайра) ва ҳоҷиёнро дошта бошад, ин ният аҷри ихлосро кам мекунад, вале агар дар ин мавридҳо нияти парастидан ва ибодат бештар ва ғолибтар бошад, аҷри комил аз ӯ фавт мешавад, магар ки он бар ӯ зарар надорад, ба маънои ин ки гунаҳгор ё дурӯғгӯ ба шумор намеравад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло дар ҳаққи ҳоҷиён:

﴿ لَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَن تَبۡتَغُواْ فَضۡلٗا مِّن رَّبِّكُمۡ ﴾البقرة: ١٩٨

"**Гуноҳе бар шумо нест, ки (дар рӯзҳои ҳаҷ бо хариду фурӯш) аз фазли Парвардигоратон (рӯзӣ) талаб кунед**". (Сураи Бақара, ояти: 198).

Агар ғолиби нияти ӯ ғайри парастиш бошад, онгоҳ барои ӯ дар охират ҳеҷ аҷру савобе намебошад ва подоши ӯ фақат ҳамон чизе аст, ки дар дунё ҳосил намудааст ва метарсам, ки ин шахс ба сабаби он гунаҳгор шавад, зеро вай ибодатро, ки баландтарин мақсадҳост васила барои ба даст овардани дунёи паст ва ҳақир қарор додааст, пас вай монанди касест, ки Аллоҳ дар ҳаққи онҳо фармудааст:

﴿ وَمِنۡهُم مَّن يَلۡمِزُكَ فِي ٱلصَّدَقَٰتِ فَإِنۡ أُعۡطُواْ مِنۡهَا رَضُواْ وَإِن لَّمۡ يُعۡطَوۡاْ مِنۡهَآ إِذَا هُمۡ يَسۡخَطُونَ ٥٨ ﴾التوبة: ٥٨

"**Ва аз онҳо касоне ҳастанд, ки дар (тақсими) садақаҳо (ва ғаниматҳо) ба ту айбҷӯӣ мекунанд, агар ба онҳо чизе аз он молҳо дода шавад, розӣ мешаванд ва агар аз он чизе дода нашаванд, ҳарчи зудтар хашмгин мешаванд**". (Сураи Тавба, ояти: 58).

Ва дар Сунани Абӯдовуд аз Абӯҳурайра ﷺ ривоят аст, ки марде гуфт: Эй Расулуллоҳ! Марде аст, ки мехоҳад ҷиҳод кунад, вале ӯ дар воқеъ хоҳони матоъи дунё аст. Пас Паёмбар ﷺ фармуд: "**Барои ӯ ҳеҷ подошу аҷре нест**". Се бор саволи худро такрор намуд ва Паёмбар ﷺ мефармуданд: "**Барои ӯ ҳеҷ подошу аҷре нест**"[1].

Ва дар Бухорӣ ва Муслим аз Умар ибни Хаттоб ﷺ ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуданд: "**Касе ки ҳиҷраташ ба сӯи дунё бошад, ки мехоҳад онро ба даст орад, ё ба сӯи зане, ки мехоҳад онро дар никоҳи худ дарорад, пас ҳиҷрати вай ба сӯи ҳамон чизест, ки ба хотири он ҳиҷрат намудааст**"[2].

Агар дар назди вай ҳар ду амр (парастиш ва ғарази дунявӣ) баробар бошад, пас ин маҳали назар ва андешидан аст ва наздиктар ин аст, ки барои вай ҳеҷ савобе нест, мисли касе ки амалеро ҳам барои Аллоҳ таъоло ва ҳам барои ғайри Аллоҳ анҷом додааст.

Ва фарқ миёни ин қисм ва пеш аз он ин аст, ки ғайри парастиш дар қисми собиқ ҳатман вуҷуд дорад, чун иродаи ӯ иродаест, ки ба муҷарради амали ӯ, аз рӯи зарурат ҳосил шуданӣ аст, гӯё ӯ муқтазои он амалро аз умури дунё хостааст.

---

[1] Ривояти Абӯдовуд, китоби ҷиҳод, боб дар бораи касе ки ҷиҳод мекунад ва хоҳони дунё аст (2516).

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби бидъул ваҳй, боби чигуна ваҳй ба сӯи Расулуллоҳ шурӯъ шуд рақами (1) ва Муслим, китоби иморат, боби ҳамоно подоши аъмол вобаста ба ният аст, рақами (1907).

Агар гуфта шавад: Мизон дар ин қисм чист, то ба воситаи он шинохта шавад, ки бештар мақсади вай кадом аст: Парастиш ё ғайри парастиш?

Мегӯем: Мизон ин аст, ки агар ба ғайри ибодат эҳтимом надошт, мақсади дунявӣ ҳосил шавад ё нашавад, ин чиз далолат ба он мекунад, ки бештар нияти парастиш аст ва каси ин бар акси он мебошад.

Ба ҳар ҳол, ният ки қавли қалб аст, амри он бисёр бузург ва шаъни он хело хатарнок аст, гоҳ ният бандаро ба дараҷаи сиддиқон мерасонад ва гоҳ ӯро поён оварда ба пасттарин мақом мерасонад.

Баъзе аз гузаштагон раҳимаҳуллоҳ гуфтаанд: "Ман бо нафси худ дар ҳеҷ чизе муҷоҳида накардаам, ки дар мавриди ихлос муҷоҳида кардаам".

Пас аз Аллоҳ барои худ ва шумо ихлоси ният ва салоҳи амалро мехоҳам.